| «Мувофиқа шудааст» | «Мувофиқа шудааст» | «Тасдиқ шудааст» |
|---|---|---|
| Вазири молияи Тоҷикистон | Раиси Бонки миллии Тоҷикистон | Бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози Ҷумҳурии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| _______________ | _______________ | _______________ |
| С. Наҷмиддинов | А. Ширинов | Н. Давлатов |
| аз «9» июни соли 2012 №3-12а/16 | аз «15» майи соли 2012 №102-688"а" | аз «19» апрели соли 2012 №10-Ф |

**ДАСТУРАМАЛ**
**Оид ба муайян намудани маблағи тарҳи иҷозатшуда аз даромади умумӣ нисбати қарзҳои беэътимоди (шубҳаноки) бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд**

Дастурамали мазкур мутобиқи қисми 6 моддаи 115 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба низом овардани тарҳи қарзҳои беэътимод (шубҳанок) ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз фоида таҳия шуда, тартиби ягонаи ҳисоби андоз аз фоидаро нисбат ба қарзҳои беэътимод муайян менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Муқаррароти Дастурамал «Оид ба муайян намудани маблағи иҷозатдодаи тарҳ аз даромади умумӣ нисбати қарзҳои беэътимоди (шубҳаноки) бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд» (минбаъд – Дастурамал) барои ҳамаи бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ҳатмӣ мебошад.

2.Қарзҳо ба тарафҳои ба ҳам алоқаманд ва қарзҳое, ки тибқи уҳдадориҳои тарафҳои ба ҳам алоқаманд ба тарафи сеюм дода шудаанд, қарзҳое мебошанд, ки ба муносибат ва фаъолияти шахсони зерине, ки онҳоро пешниҳод менамоянд, таъсир мерасонанд:

а) шахсони муассис (иштирокчӣ), ки аз як корхона буда, ҳиссаи иштироки онҳо на камтар аз 20 фоизро ташкил медиҳад;

б) як шахсе, ки мустақилона ё ба таври ғайримустақим метавонад якҷоя бо шахси дигар иштирок намояд ва ҳиссаи умумии чунин иштирок аз 20 фоиз зиёд набошад;

в) як шахсе, ки аз рӯи мақому вазифаи ишғолкарда ба шахси дигар тобеъ мебошад ва (ё) як шахсе, ки таҳти назорати дигар шахс қарор дорад;

г) шахсоне, ки таҳти назорати мустақим ё ғайримустақим ҳастанд, бояд шахси сеюм бошанд;

д) шахсон мустақиман ё ғайримустақиман бояд шахси сеюмро назорат кунанд, агар ҳуқуқи овози ҳар кадоми онҳо на камтар аз 20 фоизро ташкил диҳад;

е) шахсоне, ки бо ҳамдигар издивоҷ кардаанд, ё муносибати хешутаборӣ доранд;

ё) суд метавонад бо дигар асосҳое, ки дар зербандҳои банди 2 пешбинӣ нашудаанд, шахсонро мутақобилан вобаста эътироф намояд, агар муносибатҳои байни ин шахсон ба шартҳои фурӯши молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) таъсир расонида натавонанд.

3.Қарзҳои бо мақсади иҷораи молиявӣ (лизинг) додашуда қарзҳое мебошанд, ки мувофиқи шартномаи иҷораи молиявии (лизинг) амволи моддии манқули истеҳлокшаванда, аз ҷумла ҳавопаймоҳо (ба истиснои молу мулки ғайриманқул, мебел,воситаи нақлиёт) ба дигар шахсон дода шудаанд, агар онҳо ба яке аз шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) ба моликияти иҷорагир дода шудани молу мулк ва (ё) ба иҷорагир додани ҳуқуқи хариди молу мулк бо нархи устувор дар шартномаи лизинг муайян шуда бошад;

б) мутобиқи шартнома муҳлати иҷора нисбат ба муҳлати хизмати фоиданоки молу мулки ба иҷора додашаванда ҳафтоду панҷ фоиз зиёд бошад;

в) арзиши ҷории дисконтшудаи пардохти ҳадди ақал дар тамоми давраи муҳлати иҷораи молиявӣ аз 90 фоизи арзиши бозории амволи мутобиқи иҷораи молиявӣ додашаванда зиёд мебошад;

г) арзиши боқимондаи баҳододашудаи молу мулк баъди ба охир расидани муҳлати иҷора камтар аз 20 фоизи нархи бозории онро дар давраи оғози иҷора ташкил медиҳад;

д) молу мулки ба иҷораи молиявӣ додашаванда тибқи фармоиш барои иҷорагир тайёр шуда, баъди ба охир расидани муҳлати иҷора ба ҷуз иҷорагир наметавонад аз тарафи шахси дигар истифода шавад.

## 2. ТАРТИБИ ТАРҲИ ЗАХИРА БАРОИ ПӮШОНИДАНИ ТАЛАФОТИ ИМКОНПАЗИР ҲАНГОМИ ҲИСОБИ АНДОЗ АЗ ФОИДА

4. Тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир мутобиқи Дастурамали №177 Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2011, №558 «а» ба қайд гирифта шудааст, амалӣ карда шуда, вале ҳангоми ҳисоби андози фоида бандҳои 13,26-31,33-35 ва 38 Дастурамали мазкур ба инобат гирифта намешаванд.

5. Захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо (минбаъд-Захира) (тибқи банди 3 Дастурамали №177 Бонки миллии Тоҷикистон - Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир) барои қарзҳои «ғайриқолабӣ», «шубҳанок», «хатарнок» ва «беэътимод» ба истиснои қарзҳои қолабӣ, қарзҳои бо мақсади лизинг ё бе таъмини гарав додашуда, қарзҳои ба фоидаи тарафҳои ба ҳам алоқаманд ё тибқи уҳдориҳои тарафҳои ба ҳам алоқаманд ба шахсони сеюм додашуда ташкил карда мешавад.

6. Бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд дар вақти ҳисоби андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ барои тарҳи 90 фоизи ҳиссаҷудокуниҳо ба захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ аз рӯи 4 гурӯҳи қарз (ғайриқолабӣ, шубҳанок, хатарнок ва беэътимод), ба истиснои қарзҳои қолабӣ, қарзҳои бо мақсади лизинг ё бе таъмини гарав додашуда, қарзҳои ба фоидаи тарафҳои ба ҳам алоқаманд ё тибқи уҳдадориҳои тарафҳои ба ҳам алоқаманд ба шахсони сеюм додашударо ҳуқуқ доранд.

7. Ҳадди ниҳоии ҳиссаҷудокуниҳо ба захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир, ки аз даромади умумӣ дар давраи ҳисоботии соли тақвимӣ тарҳ карда мешавад, 10 фоизро ташкил медиҳад.

*Мисол: Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ситибонк» дар давраи ҳисоботӣ аз амалиётҳои бонкӣ 120 000 000 (яксаду бист миллион) сомонӣ даромади умумӣ ба даст овард. Захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир, ба истиснои маҳдудиятҳои пешбинишуда (барои қарзҳои қолабӣ, қарзҳои барои лизинг додашуда, қарзҳои бе таъмини гарав додашуда, қарзҳои ба фоидаи тарафҳои алоқаманд ё тибқи ӯҳдадориҳои тарафҳои ба ҳам алоқаманд ба шахсони сеюм додашуда) 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад.*

*15 000 000 х 90% = 13 500 000 сомонӣ*

*Яъне, 90% захираи ташкилшуда 13 500 000 (сенздаҳ миллиону панҷсад ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Ситибанк» ҳуқуқ дорад аз даромади умумие, ки дар давраи ҳисоботӣ гирифтааст, танҳо 12 000 000 (дувоздаҳ миллион) сомониро тарҳ намояд (120 000 000 х 10%=12 000 000).*

8. Бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд аз захира барои пӯшонидани талафотҳои имконпазир новобаста аз он, ки маблағи қарз баргардонида шудааст ё не, уҳдадоранд пас аз гузаштани зиёда аз 2 сол пас аз лаҳзаи ба охир расидани муҳлати шартнома маблағи захираи ташкилшударо ба даромади умумӣ дохил намоянд.

*Мисол: Ҷамъитяи саҳҳомии кушодаи «Ситибанк» дар санаи 10 январи соли 2012 ба Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «Роял» ба маблағи 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ ба муҳлати як сол қарз дод. Дар санаи то 10 январи соли 2013 аз сабаби сари вақт иҷро накардани уҳдадории худ аз тарафи бонк аз ҳисоби хароҷот ба маблағи 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ захира барои пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шуд. Дар ин ҳолат бонк уҳдадор аст, ки новобаста аз он ки маблағи қарз баргардонида шудааст ё не, пас аз гузаштани 2 сол, ба охир расидани муҳлати шартнома, яъне 10 январи соли 2015 маблағи фонди ташкилшударо ба даромади умумӣ баргардонад.*

9. Бонкҳо, ширкатҳои қарзӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд дар ҳолати иҷро накардани уҳдадориҳои қарзии муштариён ба ивази талаботҳои худ тибқи қонунгузорӣ гаравҳои гирифташударо дар ҳисоби тавозунии «Гарави барои бозфурӯш гирифташуда» ба ҳисоб мегиранд ва маблағи захираи ташкилшударо ба даромади умумӣ дохил менамоянд.